## ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмии дуюм ба рисолаи номзадии Тӯраева Гулорохон Бурҳоновна дар мавзӯи «Туғроии Исфаҳонӣ ва нақши ӯ дар ташаккули адабиёти арабизабони форсу тоҷики асрҳои XI-XII» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.02.14 – Филологияи классикӣ, филологияи араб ва юнонӣ**

Омӯзишу таҳқиқи як чеҳраи адабии барҷастаи адабиёти арабизабони форсу тоҷик ба муҳаққиқе муяссар мегардад, ки доир ба улуми таърихи адабиёт, поэтика, гузаштаи ташаккулу таҳаввули робитаи адабиёти халқҳои олам, ҳамбастагии доираву мактабҳои адабӣ, истиқболи суханварон аз осори ҳамдигар ва дигар омилҳову меъёрҳои меҳвари рушду нумӯъ ва танаввӯи шеъру сухан иттилои дақиқ дошта бошад.

Муҳтаво, мундариҷа, банду баст, масъалагузорӣ ва шарҳу тавзеҳи мавзӯи мавриди назар дар рисолаи номзадии Г.Б. Тӯраева шаҳодат аз он медиҳад, ки диссертант аз аслу моямҳои ташаккул ва равнақи адабиёти арабизабони форсу тоҷик, бавижа рӯзгору осори як тан аз адибони бузург Абӯисмоил Ҳусайн ибни Алӣ ибни Муҳаммад, маъруф ба Туғроии Исфаҳонӣ огоҳ аст. Унвонҷӯ дар муқаддима аз пешинаи мавзӯъ, ҷойгоҳи Туғроии Исфаҳонӣ дар марҳилаҳои гуногуни таърихи адабиёт, дараҷаи пажӯҳиши зиндагиномаву мероси маънавии адиб дар адабиётшиносии арабӣ, аврупоӣ, эронӣ ва русӣ, инчунин доир ба арзиши назариву амалӣ, мақсаду вазифаҳои тадқиқот, навовариҳои илмӣ, сарчашмаҳову методологияи кор ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя манзуршаванда мулоҳиза рондааст.

Диссертант дар муқаддима ба ин натиҷа мерасад, ки то кунун дар илми адабиётшиносии муосири Тоҷикистон омӯзиши ҳамаҷонибаи мавзӯи мавриди назар сурат нагирифтааст.

Муҳимтар аз ҳама, ин сухан бояд зикр шавад, ки унвонҷӯ Г.Б. Тӯраева дар муқаддима, дар ҳашт банд ба таври фарогир омилҳои иртиботи гузаштагони соҳибфазилати моро бо адабиёту тамаддуни арабӣ собит сохтааст. Ин андешаҳо метавонанд ба унвони консепсия дар шинохти ҳаматарафаи пайванди адабиёти форсу тоҷик бо адабиёти арабӣ хидмат намоянд.

Боби нахустини диссертатсия **«Ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Туғроии Исфаҳонӣ»** ном дошта, ифодагари асосҳои масъалаҳои асосиву заминавии пажӯҳиш ба шумор меравад. Муҳимтарин масоили ин бахш дар доираи чор фасл ва ду зерфасл тадқиқ шудааст.

Бояд ёдовар шуд, ки дар илмҳои адабиётшиносиву таърихнигории муосири тоҷик авзои сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоии фарҳангии империяи Салҷуқиён, аз ҷумла вазъи умумии асрҳои XI-XII асосан дар робита ба зиндагиномаи чеҳраҳои барҷастаи адабиёти форсии тоҷикӣ мавриди омӯзиш қарор мегирифт. Унвонҷӯ тавассути тадқиқоти худ ба таври мушаххас нишон додааст, ки дар ин даврон баробар бо насри илмӣ, шеъри арабӣ низ дар доираву ҳавзаҳои форсизабонон равнақ дошт. Дар марказҳои маъмурии машҳури қаламрави Форс, чун Исфаҳону Шероз, Нишопур ва дигар шаҳру вилоятҳо адибону суханвароне, амсоли Абулқосим Алӣ ибн-ал-Ҳасан ибни Абитайийб ал-Бохарзӣ, Абӯзакариё Яҳё ибни Алӣ ибни Муҳаммади Табрезии маъруф ба Хатиб, Анӯшервон ибни Холид ва Абӯмузаффар Муҳаммад ибни Абилаббос Аҳмад ибни Муҳаммад ал-Абевардӣ арзи ҳастӣ намуданд, ки асосан бо забони арабӣ эҷод карда буданд.

Диссертант бо мақсади равшан сохтани мавқеи сиёсиву адабии Туғроии Исфаҳонӣ ва тарзу шеваҳои арҷгузории салотин ба аҳли шеъру сухан, ҳамзамон дар хусуси сохтору равиши кишвардории Салҷуқиён, хидматҳои Низомулмулки вазиру пасовандони ӯ ва дигар ҷанбаҳои

низоми ҳоким дар ин аҳд маълумот медиҳад, ки барои такмилу пурра кардани мавзӯи омӯхташаванда бисёр муҳим аст.

Маълум мегардад, ки унвончӯ ҳангоми таълифи рисола ба манобеи таърихиву адабӣ дастрасӣ пайдо карда, тарҷумаи ҳоли Туғроии Исфаҳониро хеле муфассалу фарогир рӯйи коғаз овардааст. Ҳама гуна иттилооти дар хусуси рӯзгору осори ин адиб овардашуда ва мабоҳиси перомуни ӯ оросташуда пояҳои устувори илмӣ дошта, аз ҷустуҷӯҳои амиқи диссертант далолат менамоянд. Маҳз тавассути тадқиқоти анҷомёфта фарзанди донишманди халқи тоҷик Туғроии Исфаҳонӣ ба ҳайси олиму муншӣ, ровии ҳадису шеър ва шоиру нависанда барои имрӯзиён муаррифӣ мегардад.

Аз муҳтавои ин қисмати рисола аён мегардад, ки Туғроии Исфаҳонӣ аз равнақдиҳандагони улуми дақиқ буда, дар бораи илми кимиё беш аз понздаҳ рисола навиштааст. Аҷиб он аст, ки ин олиму шоири забардаст ба хотири пешбурди илми кимиё ва тадрису талқини он якчанд қасилаи қасидаи таълимӣ навишта будааст, ки то ба ҳар василае омӯзиши ин илмро барои мухлисону ҳаводорони он осону ҳамвор созад.

Боби дуюми тадқиқот «Девони ашъори Туғроии Исфаҳонӣ ва арзиши адабии он» ном гирифта, унвонҷӯ ҷанбаҳои асосии ин мавзӯъро ба равиши писандаи илмӣ баррасӣ менамояд. Сараввал, дар хусуси арзиши адабиву бадеии девони ашъори шоир андеша ронда, оид ба нусхаҳои хаттии бозмонда ва нашрҳои гуногуни он изҳори назар менамояд. Баъдан бо корбандии ахбори осори адабиву таърихӣ ва мулоҳизоти адабпажӯҳон перомуни девони Туғроии Исфаҳонӣ сухан ба миён меоварад.

Аз манзараи умумии таҳлилҳои дар ин хусус суратгирифта равшан мешавад, ки девони шоир яке аз омилҳои асосии маъруфият пайдо кардани ӯ буда, ҳам дар замони зиндагӣ ва ҳам пас аз марги муфоҷо миёни на танҳо дӯстдорони шеър, балки дар байни аҳли балоғат

шуҳрату овоза доштааст. Ва шоироне зиёд будаанд, ки ба гуфтори дилписанди Туғроӣ пайравӣ намуда, обрӯи ҳунарии ӯро дар доираву ҳавзаҳои адабӣ интишор додаанд.

Дар баробари ин, масъалаҳои назариву сохтории ашъори шоир, аз қабили вазну қофия, хаёлоти шоирона, узубату равонии баён, услуби хосу ва маҳорату истеъдоди нотакрори адиб низ омӯхта шудаанд.

Ҳамзамон, дар ин қисмати тадқиқот унвонҷӯ дар бораи таърихи эҷоди қасидаи «Ломия», мавзӯоту арзиши адабӣ ва ба ҳукми анъана даромадани он дар адабиёти араб андеша меронад.

Пажӯҳиши масоили вобаста ба қасидаи «Ломият-ул-Аҷам»-и Туғроии Исфаҳонӣ, монанди мазмуну мундариҷа, қимати адабӣ, шуҳрат ёфтани он дар байни аҳли сухан, ба муомилоти суханвариву сухансанҷӣ ворид шудани он, таъсири сареъ гузоштани ҳусни баёну балоғату фасоҳати он ба ашъори шоирон аз шумори мавзӯоте ҳастанд, ки дар ин боб ҳалли худро ёфтанд.

Вусъати интишори қасидаи «Ломият-ул-Аҷам» дар густураи адабиёти арабизабон ва таҳлили мазмуну муҳтавои он унвонҷӯро ба он водор кардааст, ки хеле ҳушмандона ин шеърро ба унвони як бахши аъзами мероси шоир баррасӣ намояд, зеро дар пажӯҳиш панҷ равиши ташреҳу тавзеҳи он рӯнамо гардидааст. Ин даъво, агар аз як ҷониб қимати «Ломият-ул-Аҷам»-ро бозгӯ созад, аз самти дигар аз огоҳии ҳаматарафаи унвонҷӯ хабар медиҳад.

Дар рисола намунаҳои шеъри Туғроӣ ва байтҳо аз қасидаи ӯ бо ду забон – арабӣ ва тоҷикӣ оварда шудаанд. Агар ҳангоми санадҷӯӣ аз «Ломият-ул-Аҷам» тарҷумаи донишманди эронӣ Маҳдии Муҳаққиқ ба кор гирифта шуда бошад, матнҳои дигарро худи унвонҷӯ ба забони тоҷикӣ баргардонида, ҳамчун иқтибос ба кор бурдааст. Ҳарчанд ҳамаи тарҷумаҳо комилан тахассусӣ набошанд ҳам, вале аз ҷуръату мустақилияти илмии рисоланавис дарак медиҳанд.

Боби сеюми рисола «Мавзӯоти шеърӣ, ҳунари шоирӣ ва таъсири мутақобили назми арабӣ ва форсӣ-тоҷикӣ дар эҷодиёти Туғроии Исфаҳонӣ» ном дорад. Дар ин ҷо асосан кӯшиши унвонҷӯ ба таҳлилҳои поэтикии ашъори шоир равона шудааст.

Маъмулан аввалин чизе, ки шоиру нависандаро ба навиштан водор менамояд, мавзӯъ аст. Аз ин рӯ, фасли якуми боби охирин ба омӯзиши мавзӯоти ашъори девони Туғроӣ нигаронида шудааст. Соҳиби рисола бо мутолиаи амиқи ашъори шоир ба ин натиҷа расидааст, ки мадҳ, фахр, ғазал, марсия, ҳиҷо, васф, зуҳд, панд, гароишҳои ирфонӣ ва мавзӯоти дигар дар эҷодиёти суханвар мавқеи намоён доранд.

Унвонҷӯ Г.Б. Тӯраева Туғроии Исфаҳониро ҳамчун шореҳи бадеии рангорангиҳои табиат шинохта, бо овардани намунаҳои манзум маҳорату лаёқати ӯро дар тавсифи табиат ҳаматарафа баррасӣ менамояд. Собит мегардад, ки шоир ҳам аз пешинаи адабиёти арабӣ ва ҳам аз укёнуси беканори адабиёти форсу тоҷик баҳра ҷуста, дар васф қудрату ҳунармандии ба намоиш овардааст. Азбаски аз даврони як қисмати асосии қасида аз ташбиб, насиб ва тағаззул иборат буда, василаи аён кардани малакаи тасвирпардозии шоирон аст, Туғроии Исфаҳонӣ низ аз ин шарти қаламкашӣ истифода бурдааст.

Дар рисола ҳар як мавзӯъ бо пешниҳоди намунаҳо аз эҷодиёти шоир таҳлил шудаанд ва табиист, ки ҳар кадоме аз онҳо ифодагари рӯҳия ва ҷузъе аз зиндагиномаи шоиранд. Аз ин дидгоҳ, мавзӯоти марсияву зуҳдиёти Туғроиро рисоланавис бештар ба баррасӣ намуда, аз ривоҷ доштани ин ҷанбаҳои адабиву иҷтимимоӣ дар назми арабиву форсӣ ёдовар мешавад.

Шеър ягон вакт бидуни саноеи бадеӣ ва орояҳои ҳунарӣ арзиши адабӣ надорад. Туғроии Исфаҳониро бештар калимасозӣ, таъбирофаринӣ, ибораороӣ, ҷозибаи сухан, ширинии баён ва фасоҳату балоғати устувор машҳур сохта буданд. Ҳамзамон, корбурди бамавриди

воситаҳои тасвири бадеӣ, монанди ташбеҳ, истиора, тазод, таҷнис, тазмин, талмеҳ, ирсоли масал ва ғайра иқтидори шоирӣ ва илҳоми саршори эҷодии ӯро ба ҷилва овардаанд. Ин паҳлӯҳои поэтикаи ашъори шоирро унвонҷӯ ба таври мушаххас, бо таҳлили хусусиятҳои ҳар як санъати бадеӣ, тадқиқ намудааст.

Дар қисмати охири боби сеюм таъсири мутақобили назми арабӣ ва форсӣ-тоҷикӣ дар эҷодиёти Туғроии Исфаҳонӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, сарчашмаҳои афкори адабиву бадеии осори ӯ ба таъйину тадқиқ гардидаанд.

Бо мақсади таҳлили ҳамаҷониба ва муқоисаи мушаххаси ҷанбаҳои поэтикии ашъори Туғроии Исфаҳонӣ аз ҷумла, ҳангоми нишон додани теъдоди вазн, қофия, мавзӯоти шеър, миқдори саноеи шеърӣ диссертант баробари усули муқоисавӣ-таърихӣ, инчунин усули омориро низ ба кор мебарад.

Хулосаҳои фишурдаи рисола бозгӯи мулоҳизоту назароти дақиқу амиқи муҳаққиқ буда, аз анҷоми пажӯҳиши тоза дар адабиётшиносии имрӯзи тоҷик дарак медиҳанд.

Диссертатсия бо услуби хос, сабки олимона, забони равону фаҳмо навишта шуда, муаллиф дар тамоми фаслу бобҳо истиқлоли назару андешаи фардии хешро ба зоҳир меоварад. Дар он баҳсҳо бо нигаҳдошти меъёру шароити илмӣ ороста шуда, истифодаи ахбори сарчашмаҳои адабиву таърихӣ, китобҳои илмиву тадқиқотӣ ва намунаҳо аз ашъори Туғроии Исфаҳонӣ бо равиши писанда сурат гирифтааст. Ин ҳама мубаййину мубашшири онанд, ки дар адабиётшиносии тоҷик, дар заминаи пажӯҳиши мукаммали равобити адабии адабиёти арабиву форсии тоҷикӣ як мавзӯъ ба гунаи матлуб ҳалли худро дарёфт.

Дар маҷмӯъ, аз мухтаво ва мундариҷаи рисола метавон дарёфт, ки тадқиқоти анҷомдодаи Г.Б. Тӯраева саҳифаи тозае дар илми адабиётшиносии имрӯзи тоҷик хоҳад буд.

Дар баробари дастовардҳо дар фишурдаи рисола баъзе камбудиҳои ба назар мерасанд:

1. Унвонҷӯ ҳангоми таҳлили ашъори манзуми Туғроии Исфаҳонӣ ба ғайр аз «Ломият-ул-Аҷам» дигар оид ба номи жанрҳои шеърии ӯ кам маълумот медиҳад. Ба назари мо, ҳангоми тадқиқот таъкид кардани шакли адабии порчаи иқтибосшуда низ зарур аст, то хонандаи пажӯҳиш донад, ки шоир ба ғайр аз қасида бо дар кадом анвои адабӣ санҷиши қалам намудааст.

2. Унвонҷӯ менависад, ки дар адабиёти форсу тоҷик Хоқонии Шарвонӣ низ ашъори марсиявӣ дорад, вале барои исботи фикр на аз ин суханвар ва шуарои дигар мисол намеоварад. Хеле хуб мебуд, агар барои муқоисаи сабку тарзи баён ва таъсири ашъори рисоӣ аз адибони форсизабон, чун Хоқонӣ, Низомӣ ва дигарон порчаҳои манзум иқтибос мешуд.

3. Дар раванди таҳлили ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии даврони мавриди назар аз китобу рисолаҳои адабиётшиносони тоҷикӣ, ки ба тадқиқи ҳавзаҳои суханварии аҳди Салҷуқиён бахшида шудааст, хеле кам ишора гардидааст. Хуб мешуд, агар дар ҷараёни тадқиқот сарчашмаҳои олимони муосири тоҷик бештар истифода бурда шавад.

4. Дар боби дуюми рисола зерфасле бо номи «Шарҳҳои қасидаи Ломият-ул-Аҷам» мавҷуд буда, китобшиносии мувофиқ дар ин хусус анҷом пазируфтааст ва дар ин ҷо сухан дар бораи беш аз ҳаждаш шарҳ меравад, вале аз ин китобҳо айнан намунаҳо иқтибос нашудаанд.

5. Дар рисола гоҳо ғалатҳои имловӣ ва услубӣ (саҳ. 17, 37, 55, 62, 79, 108) ба назар мерасанд, ки ҷузъию зудислоҳшаванда буда, ҳеҷ гоҳ ҳусни рисоларо кам намесозанд.

Бояд гуфт, ки бо вуҷуди баъзе камбудиҳои зикршуда рисолаи Тӯраева Гулорохон Бурҳоновна таҳқиқкоти анҷомёфтаи илмӣ маҳсуб

ёфта, фишурда ва мақолаҳои чопшудаи унвонҷӯ муҳтавои рисолаи ӯро инъикос менамоянд.

Дар маҷмӯъ метавон таъкид намуд, ки тадқиқоти диссертатсионии Тӯраева Гулорохон Бурҳоновна ба талаботи меъёрҳои муқаррарнамудаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таълифи рисолаҳои номзадӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ** **Шокиров Ҷамшед Валиевич** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

**Суроға:**
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, кӯчаи Р.Набиев 145 а
Тел: +(992) 92-755-96-95
E-mail: shokirovjamshed1985@gmail.com

Имзои Шокиров Ҷ.В. - ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес
ва сиёсати Тоҷикистон
Мирпоччоев И.Ҳ.
“____”_____________2021

**Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, 17 мкр., хонаи №1
www.tsulbp.tj
E-mail: tsulbp@rambler.ru
тел: 83422 2-38-11

ДДҲБСТ
имзои Шокиров Ҷ.В.
тасдиқ менамоям
сардори шӯъбаи кадрҳо